**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

---

**УДК: 33 тоҷик + 336.2** **АБДУЛОВ Д.Н.**[1]

# НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН DFR

Дар мақолаи илми аҳамияти муҳимми истифодабарии сарватҳои табиӣ, истифодаи якчанд фишангҳои маъмурию иқтисодӣ ва молиявию ҳуқуқӣ тарзи андозбандии онҳо, бонусҳои роялтӣ ва кашфи тиҷорат, субекту обекти андозҳои роялтӣ бо таври мухтасар омӯхта шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо барои захираҳои табиӣ ду намуд мешаванд: роялтӣ ва бонусҳо. Роялтӣ пардохте мебошад, ки истифодабарандагони қаъри замин дар алоҳидагӣ, доир ба ҳар як намуди канданиҳои фоиданок дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷшаванда месупорад. Бонусҳо бошад пардохтҳои устуворонаи яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ барои ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси иҷозатнома буда, дар шакли пулӣ пардохт карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** захираҳои табиӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, роялтӣ бонус, савдо.

Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз танзими давлатии ин ҷараён вобастагии калон дорад. Танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ бошад бо истифодаи якчанд фишангҳои маъмурию иқтисодӣ ва молиявию ҳуқуқӣ сурат мегирад. Андозҳо яке аз фишангҳои муҳимми молиявии танзими истифодаи захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравaнд.

Андозҳо барои захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуд мешаванд: роялтӣ ва бонусҳо. Роялтӣ пардохте мебошад, ки истифодабарандагони қаъри замин дар алоҳидагӣ, доир ба ҳар як намуди канданиҳои фоиданок дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷшаванда месупорад, новобаста аз он ки онҳо ба харидорон (қабулкунандагон) таҳвил шудаанд ё барои эҳтиёҷоти худ истифода шудаанд [4, 141-145].

Бонусҳо пардохтҳои устуворонаи яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ барои ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси иҷозатнома буда, дар шакли пулӣ, тибқи ҳаҷм ва тартиби дар қарордоди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ омада пардохт карда мешаванд. Бонусҳо дар навбати худ ба бонусҳои обунавӣ ва кашфи тиҷоратӣ ҷудо мешаванд. Бонуси обунавӣ пардохти яккаратаи устувори истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ барои ҳуқуқи фаъолият ҷиҳати истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳудуди қарордод мебошад ва ҳангоми бастани қарордод мувофиқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Пардохткунандаи бонуси обунавӣ шахсе ба ҳисоб меравад, ки дар озмун ва ё музокирот ғолиб омада, иҷозатнома барои омӯзиши геологӣ ва ё барои истихроҷи сарватҳои зеризаминиро соҳиб шудааст. Омӯзиши геологӣ ин ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ ва иктишофи конҳои маъданҳои фоиданок ва дигар тадқиқотҳои геологӣ мебошад. Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақали бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологӣ алоҳида барои ҳар як қарордоди басташуда барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми зерин муқарар карда шудааст:

---

**Адрес для корреспонденции:** Абдулов Дилшод Назарович – ассистенти кафедраи «Менеҷмент ва маркетинги» Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки Республики Таджикистан. 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, посёлка Вализода 286. E-mail. Dilshod.041986@mail.ru Тел.: 918685205

- иктишофи геологӣ дар майдонҳои нафту газ -5000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- иктишофи геологии сарватҳои зеризаминӣ маъданӣ -3000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- иктишофи геологии сарватҳои зеризаминӣ ғайримаъданӣ, ба ғайр аз корҳо барои сарватҳои зеризаминӣ маъмул, корҳои ҷустуҷӯӣ ва ҷустуҷӯию арзёбӣ -1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- иктишофи геологӣ дар объектҳои партовҳои истеҳсолоти маъданҳои фоиданок ва маҳсулоти коркарди онҳо-100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- ҷамъоварии ҷинсҳои минералогӣ, палеотологӣ ва кӯҳӣ -50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Бояд қайд намуд, ки мувофиқи қонунгузории ҷорӣ бо назардошти он ки ҳаҷми бонуси обунавӣ дар қарордод муайян карда мешавад пардохти аввалин аз ҷониби худи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми на камтар аз панҷоҳ фоизи камтарине, ки барои бонуси обунавӣ муайян карда шудааст, пардохт карда мешавад. Бонуси обунавӣ доир ба сарватҳои зеризаминӣ маъмул ва обҳои зеризаминӣ ба буҷети маҳалли ҷойгиршавии кон пардохта мешавад.

Бонуси кашфи тиҷоратӣ андози устувори яккаратаи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ буда, дар доираи ҳудуди қарордоди басташуда мувофиқи тартиби муқарраршуда тасдиқ гардидаанд ва барои истихроҷ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мебошанд.

Дар мавриди соҳиб шудан ба иҷозатномаҳои зерин бонуси кашфи тиҷоратиро истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ пардохт менамоянд [1]:

1. Барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ:

а) Барои ҳар як кашфи тиҷоратии сарватҳои зеризаминӣ;

б) Барои кашфиёт дар рафти гузаронидани таҳқиқоти иловагии конҳо, ки ба зиёдшавии захираҳои сарватҳои зеризаминӣ, оварда мерасонад;

в) Барои ҳар як кашфи тиҷоратии дигар сарватҳои зеризаминӣ;

2. Барои таҳқиқот ва истихроҷи якҷоя нисбати ҳар як кашфи тиҷоратии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳудуди қарордод, аз он ҷумла барои кашфиёт дар рафти гузаронидани таҳқиқоти иловагии конҳо муайяншуда.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роялти дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- Роялти ба ҳар як намуди сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ карда мешаванд, дар алоҳидагӣ рӯёнида мешаванд;
- Истифодабарандагони захираҳои табиӣ новобаста аз он ки онҳо сарватҳои табииро ба харидорон таҳвил намудаанд ва ё барои эҳтиёҷоти худӣ истифода кардаанд, роялтиро пардохт менамоянд.
- Коркарди маъданҳои фоиданок, борои аз таркиби онҳо ҳосил кардани қисмати (компонентҳои) фоиданок низ табассути роялти андозбандӣ карда мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки шаклҳои гуногуни роялтӣ ҳангоми танзими ҷараёни истифодаи захираҳои табиӣ мавриди истифода қарор мегиранд ва ҳар як давлат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ ва сиёсати андозситониаш аз шаклҳои гуногуни роялтӣ истифода менамояд. Дар назария ва амалияи истифодаи молиявии роялтӣ шаклҳои зерини онро ҷой дорад:

- Ролти барои истихроҷи маъданҳои фоиданок;
- Роялти барои истифодаи карбогидридҳо;
- Роялти барои истихроҷи ҷисмҳои сахти маъданҳои фоиданок;
- Роялти барои истифодаи саноатии об.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти андозбандии роялтӣ барои истихроҷ ин қитъаи маъданҳои фоиданоки ба андозсупоранда ҷудошуда барои истихроҷ, ва ҷараёни аз партовҳои (талафот) корхонаҳои саноатӣ ҳосил намудани маъданҳои фоиданок мебошанд.

Объекти андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои карбогидридҳо инҳо мебошанд:

- Карбогидридҳои истихроҷшудаи коркарди аввaлaро гузашта, аз ҷумла маъданҳои фоиданоки ба якдигар монанд ва қисмҳои фоиданоки он;
- Қисмҳои фоиданок, ки дар вақти коркарди карбогидридҳо ҳосил шудаанду ҳамчун маҳсулоти тайёр ҳангоми истихроҷ дар таркиби маъданҳои фоиданок коркардшаванда андоз ситонида нашудаанд.

Ҳангоми истеҳсоли (истихроҷи) ҷисмҳои сахти маъданҳои фоиданок маъданҳои аз маъданҳои техногении ҳосилшуда ва маъданҳои фоиданоки дар ҷараёни коркард ҳосилнамудаи корхонаҳои коркардкунанда низ тавассути роялти андозбандӣ карда мешаванд. Яъне дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки объекҳои роялти барои истихроҷи канданиҳои фоиданок инҳо мебошанд:

а) худи маъданҳои фоиданок:

- нафт, гази табиӣ ва конденсати газ;
- ангишт ва варақсанги сӯзанда;
- маъданҳои молӣ;
- обҳои зеризаминӣ, аз ҷумла аз коркарди аввалин гузашта;
- слюда, асбест, ашё барои истеҳсоли маводи сохтмон;
- ашёи хоми ғайримаъданӣ барои металлургия;

б) металлҳои қиматбаҳо ва (ё) металлҳои софи химиявӣ дар қум, маъданҳо, консентратҳо;

в) консентрати металлҳои сиёҳ, ранга, нодир ва радиоактивӣ, ашёи кимиёвии кӯҳӣ;

г) сангҳои қиматбаҳо, ашёи сангҳои ороишӣ ва пйезооптикии аз коркарди якум гузашта;

д) маъданҳои фоиданоки дигар, аз ҷумла ашёи маъданӣи аз коркарди аввалия гузашта.

Ҳаҷми роялтӣ, ҳосили зарби арзиши ҳар як намуди маъданҳои фоиданоки истихроҷнамудаи истифодабарандаи қаъри замин дар давраи андоз бо меъёрҳои роялтӣ, ки дар Кодекси андоз омадааст, муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи андози роялтӣ барои истихроҷ ин арзиши таҳвили онҳо, дар мавриди мавҷуд набудани таҳвил, вобаста ба хароҷоти маҳсулоти молии якум бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда муайян карда мешавад. Арзиши тилло, нуқра ва платинаи истихроҷкардаи истифодабарандаи маъданҳои фоиданокдар давраи андоз вобаста ба нархи миёнаи чунин металлҳо дар биржаи металлҳои Лондон ва биржаи металлҳои қиматбаҳои Лондон муайян карда мешавад. Сангҳои қиматбаҳои истихроҷшуда вобаста ба баҳодиҳии ибтидоии онҳо арзишашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо анҷом дода мешавад. Инчунин бояд ба назар гирифт, ки дар вақти истихроҷи якчанд намуди маъданҳои фоиданок нисбати ҳар як намуди маъданҳои фоиданок роялти барои истихроҷ ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

Яке аз механизмҳои хело муҳим ин иҷозат додани истеҳсолкунандагон барои пардохти роялтӣ дар шакли аслӣ (натуралӣ) мебошад. Чунин механизм истеҳсолкунандагонро ҳавасманд намуда, ҷараёни анозсупориро осон менамояд. Барои пардохти роялтӣ дар шакли натуралӣ мавҷудияти созишномаи иловагӣ байни истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ва мақомоти салоҳиятдор шарти муҳим ба ҳисоб меравад. Ин созишнома бояд бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шавад. Маблағи шакли натуралӣ пардохти роялти барои истихроҷ ба шакли пулии пардохт баробар карда мешавад. Дар созишнома бояд ҳатман ваколатдоре, ки аз тарафи давлат қисми маҳсулоти ба роялти мувофиқро қабул менамояд, ҳаҷм ва нархи маъданҳои фоиданоки супоридашаванда ва нуқтаи қабулу шартҳои таҳвили маъданҳои фоиданок нишон дода шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бои обӣ ва гидроэнергетикӣ мебошад. Бинобар ҳамин истифодаи роялти барои об яке аз фишангҳои муҳимми молиявии танзими истифодаи захираҳои обӣ мебошад. Супорандагони роялти барои об шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки обро барои истеҳсоли нерӯи барқ истифода мебаранд. Истифодаи объектҳои обӣ бо мақсадҳои истеҳсоли нерӯи барқ объекти андозбандии роялти барои об ба ҳисоб

рафта, миқдори дар давраи ҳисоботӣ истеҳсолшудаи нерӯи барқ бе талафот ҳисоб карда мешавад ва манбаи андоз барои ҳар як объект ҷудогона муайян карда мешавад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти роялти барои об он объектҳое озод карда мешавад, ки иқтидори объектҳои нерӯистеҳсолкунандаашон аз 1000 киловатт бештар набошад. Меъёри роялти барои об ба андозаи 0,06 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар 1000 киловатт/соат нерӯи барқи истеҳсолшуда ба ҳолати охири давраи андоз муқаррар карда мешавад. Маблағи роялти барои об ҳамчун ҳосили зарби манбаи андоз ба меъёри андоз ҳисоб карда шуда то 15 моҳи баъди давраи андоз парохт карда мешавад.

Барои иҷрои назорати роялтӣ оид ба ҳисоби дуруст ва пардохти саривақтии роялтӣ ва ҷамъоварии онҳо мақомоти аноз ҷавобгарии пурра ва истисноӣ доранд.


**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе соли 2012 «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С. 232-239
2. Шомуродов, Фазлиддин. 600 пурсиш ва посух оид ба андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Фазлиддин Шомуродов. - С. 34-51. Дущанбе, соли 2013 541с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, 2 декабри 2002 с. №77.
4. Гулмирзоев, Д. Назарияи андоз ва андозбандӣ / Гулмирзоев Д. – Душанбе, 2004. -С. 456-461
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014». Душанбе соли 2014 6.12.2014 №53.
6. Улуғхоҷаева, Х.Р. Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Улуғхоҷаева, Х.Р. Душанбе: Ирфон 2005. -С. 122-129
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коркард ва истифодаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4, қисми - 1, Душанбе, 2014.
8. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - www. andoz. tj
9. Сомонаи расмии Тоҷикгеологияи Назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.gst.tj №7. 29.08.2014
10. www. Min-fine.tj Сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон



**АБДУЛОВ Д.Н.**


## СИСТЕМА НАЛОГООБЛАЖЕНИЯ НА ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье изучено значение использования природных богатств, применение нескольких административных, экономических, финансовых и политических рычагов, способы их налогообложения, также изучено роялти бонус и раскрытие торговли, субъект и объект налогов роялти.

В Республике Таджикистан налоги на природные ресурсы имеют две формы: роялти и бонусы. Роялти представляет собой оплату, осуществляемую пользователями земной глубины отдельно, по каждому виду полезных ископаемых на территории Республики Таджикистан. Бонусы представляют собой одиночные устойчивые платежи пользователями ресурсов, чтобы получить право на лицензирование использования ресурсов на основе разрешения в виде денежной выплаты.



**Ключевые слова:** природные ресурсы, экономика, финансы, юридические, бонус роялти, торговля.



**ABDULOV D.N.**


## THE SYSTEM OF TAXATION OF THE USE OF NATURAL RESOURCES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The scientific article reviews the significance of the use of natural resources, the use of a few administrative, economic, financial and political leverage and the ways of taxation and royalties, and the bonus and the disclosure of trade, the subject and object of tax royalty taxation.

In the Republic of Tajikistan the taxes on natural resources have two forms: royalties and bonuses. Royalty is a payment carried out by the users of the Earth's depth separately for each type of minerals in the territory of the Republic of Tajikistan. Bonus is a stable single payments by resource users, to be eligible for licensing the use of resource, based on authorization in the form of cash payments.



**Keywords:** natural resources, economics, finance, legal, bonus, royalty, trade